# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Баррасӣ ва таҳқиқи равобити адабӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир ба ҳисоб рафта, маҳорати баланди Ёрбекова Заррина Мардонқуловнаро нишон медиҳад.

Диссертант дар муқаддимаи кори таҳқиқотии худ аҳаммияти мавзуи таҳқиқро равшан намуда, дар қисмати дараҷаи таҳқиқ таҳлилҳои амиқтарро афзудааст. Натиҷаҳои диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна таҳқиқи муфассали ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро дар бар мегирад. Мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» мавзуи актуалӣ ва омӯхтанашуда буда, умумият ва муштаракоти ғазал ва сонетро мушаххас мекунад. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, навгонии илмӣ ва дар умум маводи диссертатсияи аз ҷониби диссертант ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои арзиши муҳимми илмӣ мебошад.

Дар **боби аввали** диссертатсия, ки аз ду фасл иборат аст, масъалаҳои ташаккул ва рушди равобити адабии форсӣ-тоҷикӣ ва англис (дар замони Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир) таҳқиқ гардидааст.

Муаллиф дар боби мазкур таърихи равобити адабии форсӣ-тоҷикӣ ва англис (асрҳои XIII-XVI), ҷаҳонбинӣ, забон ва шухрати ҷаҳонии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспирро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия омӯзиши муқоисавии ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир (дар асоси ғазалиёт ва сонетҳо), омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоирони Шарқу Ғарб ва таҳқиқу тарҷумаи ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар **боби сеюми** диссертатсия хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти

Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ба даст омадааст. Боби мазкур зимни ду фасли ҷудогона таҳлилу таҳқиқ шудааст, ки зерфасли аввали он хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, аз ҷумла тавсифи ишқ, тасвири май, дӯстиву рафоқат, табиат ва ғайраро дар ғазалиѐти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро дар бар мегирад.

Зерфасли дуюми боби мазкур хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир зимни санъатҳои бадеӣ - *таҷнис, ташбеҳ, талмеҳ, саволу ҷавоб, истиора, иҳом муроoти назар* ва монанди инҳо дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ таҳқиқ ва пажуҳиш шудааст. Дар сонетҳои Вилям Шекспир санъатҳои бадеӣ дар муқоиса бо ғазалиѐти Ҳофизи Шерозӣ умумиятҳои зиёд доранд ва онҳо бо роҳҳои мухталиф истифода гардиданд. Барои дақиқтар таҳлил кардани кори илмӣ диссертант ин анвои санъатҳои бадеиро дар шакли алоҳида мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳо дар автореферати диссертатсия ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо дар автореферат ҳаёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир камтар омӯхта шудааст.

2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши кори таҳқиқотиро коста намегардонад.

Микдори мақолаҳои интишорнамудаи муҳаққиқ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқотии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи

илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарրриз: номзади илмҳои филологӣ (PhD),
муаллими калони кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи Донишгоҳи
давлатии Тирмиз Ҷумъақулов Ҷ.П.

«Имзои Ҷумъақулов Ҷ.П.-ро тасдиқ мекунам»
Декани факултаи филологияи хориҷии
Донишгоҳи давлатии Тирмиз Бакиров П

Суроға: 190111, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ,
шаҳри Тирмиз, кӯчаи Баркамол авлод , 43
Тел.: (+998) 76 221 76 90
E-mail: info@ tersu.uz

29.06.2026